Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://www.istilohot.tj)

# Семинари сайёр дар шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрави вилояти Хатлон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 18 June, 2022 - 10:52

Бо мақсади иҷрои банди 39-и Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо фаъолони вилояти Хатлон 24-уми феврали соли 2022 баён доштанд, гурӯҳи кории Кумита дар ҳайати раиси Кумита Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон, муовини раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Сафаров

Эраҷ Гулаҳмадович ва мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳо Абдуллоев Шариф Раҳматуллоевич дар шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрави вилояти Хатлон аз 10 то 17 июни соли 2022 семинарҳои сайёрро доир намуданд.
Дар семинарҳои мазкур кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, раёсати молия, нозироти андоз, шуъбаи маориф, идораи замин, идораи барқ, бахши кор бо занон ва оила, бахши фарҳанг, бахши кор бо ҷавонон ва варзиш ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрави вилояти Хатлон, дар маҷмуъ зиёда аз 500 нафар иштирок намуданд.
Дар рафти семинар моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” ва аҳамияти “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” шарҳу тавзеҳ дода шуданд.
Инчунин, дар рафти семинар ҷиҳати эҳтирому арҷгузорӣ ва баланд бардоштани савияи дониши забони давлатӣ байни занону духтарони шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусравӣ вилояти Хатлон, бартараф намудани норасоию камбудиҳо дар самти ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузории мақомот, идора ва муассисаҳо ва ба меъёрҳои забони давлатӣ мутобиқ намудани навиштаҷоти шиору овезаҳо дар хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои мазкур маслиҳату машваратҳои судманд дода шуд.
Дар анҷоми семинарҳои сайёр дар шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрави вилояти Хатлон аз тарафи раиси Кумита ва муовини раиси Кумита ба масъулини шаҳру ноҳияҳои мазкур “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” ва маводҳои зарурӣ дар шакли электронӣ ва хаттӣ тақдим карда шуданд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (3 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

-

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6847?mini=2025-04

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/28 [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20220613_094712.jpg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20220613_144042.jpg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20220614_113021.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20220614_154227.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220623-WA0028.jpg